ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ОН АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY



# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ №3 (3) 21 МАЙИ СОЛИ 2013, СЕШАНБЕ

## Паёми Сарвари давлат ба Маҷлиси Олӣ

Дар Паём масъалаҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон чун арзиши олӣ, аҳамияти Кодекси андоз барои фаъолияти соҳибкорӣ, зарурати бознигарии кодексҳои меҳнат, манзил кодексҳои граждани ва ҷиноятӣ, зарурати қабул намудани қонун дар бораи бекор кардани дахлнопазирии кормандони ҳифзи ҳуқуқ, прокурорҳо, судяҳо ва вакилони маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, хостагирӣ ва ҷобаҷокунии кадрҳо баррасӣ шуданд. «Ҳифзи содиқонаи манфиатҳои милливу давлатӣ, - гуфта мешавад дар Паём, - аз тамоми манфиатҳои дигар болотару афзал донистани манофеи давлат ва миллат, саъю талоши пайгирона ба хотири таҳкими пояҳои давлати соҳибистиқлоли миллӣ, чун неъмати бебаҳо ҳифз кардани соҳибихтиёрии Ватан, сулҳу суботи иҷтимоӣ, амнияти давлат ва ҷомеа, ваҳдати миллӣ ва тақвияти иқтидори иқтисодии давлат вазифаи ҷонӣ ва қарзи виҷдониву имонии ҳар яки мову шумо – аъзои Ҳукумат, вакилони мардумӣ, роҳбарону масъулони идораҳо ва ташкилоту муассисаҳо, хизматчиёни давлатӣ ва умуман тамоми халқи Тоҷикистон мебошад».



### Паём - роҳнамо ба сӯи фардои нек

Анъанаи хубе, ки ба низоми давлатдории кишвари мо баъди касби истиқлолияти давлатӣ ва интихоби шакли идораи ҷумҳурии президентӣ ворид гардид, бо Паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ баромад намудани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Таҷриба нишон медиҳад, ки воқеан, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Парлумони мамлакат тамоми бахшҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифта, барои рушди устувори иқтисодиёт, баландшавии сатҳи иҷтимоӣ, вусъат ёфтани маърифатнокии аҳли ҷомеа нақши бениҳоят муҳим бозидаанд. Бе муҳобот иқрор шудан лозим аст, ки сатҳи кунунии авзои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии кишвари мо аз натиҷаи татбиқи дастур ва ҳидоятҳое ба даст омадаанд, ки дар чунин навъи чорабиниҳо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медоданд.

**Идома дар саҳ. 2**

## Дар ин шумора:

Гумрук – дарвозаи давлат ► 3
Фарҳанги ҳуқуқи инсон ► 5
Об – ҷузъе аз рамзи давлатӣ ► 4
Ҳуқуқ – чемпион ► 8

# Ҳукми қатл аз Кодекси ҷиноятӣ декриминализатсия мешавад?

## Мулоқот бо узви Комиссияи байналмилалӣ бар зидди ҳукми қатл, собиқ Президенти Конфедератсияи Швейтсария хонум Рут Дрейфус

Нимаи дуюми рӯзи 15.05.2013 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон узви Комиссияи байналмилалӣ бар зидди ҳукми қатл, собиқ Президенти Конфедератсияи Швейтсария хонум Рут ДРЕЙФУС-ро ба ҳузур пазируфт.

Дар мулоқот масоили ҳамкории байналмилалии Тоҷикистон доир ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва пешгирӣ аз таъин ва татбиқи ҳукми қатл баррасӣ шуд.

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки дар Тоҷикистон доираи таъин ва татбиқи ҳукми қатл солҳои 1998 ва 2003 хеле маҳдуд гардида, аз соли 2004 ба ин сӯй ба ин кор мораторий эълон карда шудааст. Ба ин тартиб, аз соли 2004 то имрӯз дар Тоҷикистон ҳукми қатл умуман таъин ва татбиқ нашудааст. Аз моҳи марти соли 2005 ба ҷойи ҳукми қатл ҷазои якумра маҳрум намудан аз озодӣ таъин карда мешавад.

Ҳамчунин иттилоъ дода шуд, ки аз моҳи апрели соли 2010 дар Тоҷикистон доир ба зарурати берун кардани ҳукми қатл аз қонунгузории кишвар гурӯҳи корӣ фаъолият дорад. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон таъкид дошт, ки давлати Тоҷикистон мавқеи ниҳоии худро доир ба ин масъала дар асоси хулосаҳои ин гурӯҳи корӣ, ки бо назардошти афкори ҷомеа ва таҷрибаи ҷаҳонӣ бароварда мешавад, муайян хоҳад кард. Хонум Рут Дрейфус таъкид дошт, ки «Тоҷикистон доир ба ин масъала дар роҳи дуруст қарор дорад» ва изҳори боварӣ намуд, ки «пурра бекор шудани ҳукми қатл дар ин кишвар дарояндаи наздик ҳалли ниҳоии худро меёбад». Ӯ, ҳамчунин изҳор дошт, ки «Конфедератсияи Швейтсария ва дигар давлатҳою созмонҳои шарик ба Тоҷикистон дар ин масир кӯмак мерасонанд».

**www.prezident.tj**



## Кафедраи Криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ таъсис ёфт




Дар шароити муосир бо назардошти ба вуқӯъ пайвастани дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, таъсири раванди ҷаҳонишавӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо дигар ниҳоду сохтор ва кишварҳои хориҷӣ зарурияти таҷдиди назар намудани нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, ҷорӣ намудани фанҳои нави таълимӣ ва таъиси кафедраҳои тахассусӣ ба миён омадааст. Махсусан чунин ниёзмандӣ аз ҳама бештар дар соҳаи криминалистика ва истифода намудани донишҳои махсус дар самти мубориза алайҳи ҷинояткорӣ эҳсос мегардад.

Дар сохтори аксари мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии кишвар шуъба ва ё раёсатҳои мустақили криминалистӣ мавҷуданд. Дар даврони Шеравӣ мутахассисони экспертизаи криминалистӣ бо назардошти набудани имконияти омода кардани мутахассисони ин соҳа дар макотиби олӣ ва нарасидани пойгоҳҳои илмӣ- техникӣ асосан дар марказҳои бонуфузи илмӣ-таълимии Федератсияи Русия тайёр карда мешуданд. Аммо баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва канда шудани риштаҳои ҳамкориҳои муфиди дуҷониба то имрез дар макотиби олии Тоҷикистон мутахассисони соҳаҳои алоҳидаи экспертизаи судӣ тайёр карда намешавад. Аз ин нигоҳ, кайҳо фурсате фаро расидааст, ки дар доҳили кишвар дар заминаи факултаи ҳуқуқшиносии ДМТ кафедраи тахассусии «Криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ» ва ихтисоси «Экспертизаи судӣ» созмон дода шавад.

Ҳамаи инро ба назар гирифта, бо қарори Шурои олимон дар факултаи ҳуқуқшиносӣ кафедраи «Криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ» ва ихтисоси «Экспертизаи судӣ» таъсис дода шуд.

Бояд қайд кард, ки дар донишгоҳҳои бузурги кишварҳои Аврупо ва ИДМ соҳаҳои илми криминалистика, ки ба намудҳои мухталифи ташхисҳои криминалистӣ бахшида шудаанд, кайҳо боз омӯхта мешаванд.

**Аввалаш дар саҳ. 1**

Ҳарчанд Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аъзо ва вакилони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шуда бошад, ҳам масоиле, ки дар доираи он матраҳ мегарданд, ба тамоми сохтору ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ ва дар маҷмӯъ ҳайати умумии ҷамоатчигии кишвар дахл доранд. Аз ин рӯ, доираи таклиф, пешниҳод, дастур ва ҳидоятҳое, ки дар Паёми навбатии Президенти мамлакат аз 26-уми апрели соли 2013 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо доданд, бояд ба шиор ва роҳнамои асосии фаъолияти ҳамаи сохтору мақомоти дахлдори ҷумҳурӣ мубаддал гардад. Дар чунин ҳолат, иҷрои вазифаҳои стратегии давлат ба таври дахлдор таъмин мегардад. Мувофиқан, доираи масъалаҳое, ки дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ироа шуданд, ҳамчунин ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ иртибот доранд ва бояд дастуру роҳнамои фаъолияти мо дарояндаи наздик бошанд.

Президенти мамлакат дар ибтидои суханрониашон мужда расониданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли ҷорӣ 159 – умин давлати узви комилҳуқуқи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо гардид. Манфиатҳо аз узвият дар ин созмони бонуфуз дар назди мо вазифаҳои муҳим мегузоранд. Аввалан, моро зарур аст, ки дар кори Созмони Умумиҷаҳонии Савдо фаъолона иштирок намуда, манфиатҳои кишвари худро ҳимоя намоем. Дар ин замина таъкид гардид, ки барои расидан ба ин ҳадаф ба мо мутахассисони соҳаҳои ҳуқуқ ва иқтисод лозим аст, ки дониши васеъ ва сатҳи баланди касбии байналмилалии барои ин намуди фаъолият заруриро дошта бошем. Дар радифи мутахассисони соҳаи иқтисод ишора намудан ба ҳуқуқшиносон, аз муносибати самимии роҳбари давлат ба ин доираи иҷтимоӣ далолат менамояд.

Президенти кишвар ҷавонони солим ва соҳибкасбу ихтисосмандро давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, нерӯи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа,ояндаи миллат ва давлат пиндошта, дар замони ҷаҳонишавӣ аз онҳо мусалаҳ будан бо дониши амиқ, ҷаҳонбинии замонавӣ ва муҳимтар аз ҳама, ҳисси баланди миллӣ, худогоҳиву худшиносӣ ва самимона дӯст доштани Ватанро талаб карданд. Ҷиҳати расидан ба ин ҳадафҳо Шӯрои сарпарастони факултетро лозим аст, ки нақшаҳои пешбурди дарсҳои тарбиявиро таҷдиди назар намуда, корро дар ин бахш ҷоннок намоянд, ба раванди камолоти фарҳанги ҳуқуқию сиёсии донишҷӯён ранги дигар бахшанд.

Президенти мамлакат иброз намуданд, ки бо мақсади такмили ҳифзи манфиатҳои иҷтимоии шаҳрвандон ва муқаррар намудани кафолатҳои иловагӣ оид ба ҳифзи меҳнат ва манзил зарурати дар таҳрири нав таҳия ва қабул намудани кодексҳои меҳнат ва манзил ба миён омадааст. Ҳамчунин бо мақсади ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани танзими муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ зарурати дар таҳрири нав қабул гардидани кодексҳои граждании ва ҷиноятӣ баён гардид. Дар вобастагӣ ба Кодеки нави андоз, ки аз 1-уми январи соли ҷорӣ мавриди амал қарор гирифт, ишора гардид, ки он барои фаъолияти соҳибкорӣ, истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ, таъсиси корхонаҳои муосири истеҳсолӣ ва хоҷагиҳои фермериву деҳқонӣ зиёда аз 240 имтиёзро пешбинӣ намудааст. Татбиқи амалии ин миқдор имтиёзҳо дар марҳилаи ибтидоӣ ба таври ногузир баҳсҳои зиёди ҳуқуқиро ба бор меорад. Гузашта аз ин, аз чунин пайомадҳо худи Ҷаноби Олӣ низ чунин ҳушдор сохтанд, ки «баъзе муқаррароти Кодекси андоз ҳоло ҳам таҳлили ҳаматарафаро талаб менамоянд ва сохтору мақомоти дахлдорро зарур аст, ки ҷиҳати омӯзиш ва такмили онҳо чораҳои зарурӣ андешанд.» Ба андешаи мо зери ифодаи «сохтору мақомоти дахлдор» факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, низ фаро гирифта мешавад. Зиёда аз ин факултети ҳуқуқшиносии ДМТ соҳиби иқтидори азими зеҳнӣ буда, олимони он дар ҳамкории муттасил бо кормандон дар амалия қарор доранд ва ҷанбаҳои амалии фаъолияти эшон низ хеле ғанӣ мебошад. Эҳтимол қабули нақша-чорабиниҳои дахлдор ва фаъолият дар доираи вай барои мусоидат бахшидан ба комёбӣ лозим бошад. Ин андеша дар мавриди қабули тарҳи нави Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон низ татбиқпазир мебошад.

Президенти ҶТ қайд намуданд, ки «мо ҳанӯз дар оғози эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор дорем. Таҷрибаи таърихии давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон собит месозад, ки бунёди чунин давлат раванди тӯлонӣ мебошад. Ҳарчанд ки аз замони ба истиқлол расидани давлати мо ҳанӯз давраи зиёд нагузаштааст, вале мо аллакай шоҳиди густариши раванди гуногунандешии сиёсӣ, рушди босуръати фаъолияти аҳзоби сиёсӣ ва ниҳодҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишварамон ҳастем ва дар ин самт аз ҷониби давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон барои фаъолияти озоди онҳо шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Яъне мо дар як замони начандон тӯлонӣ тавонистем, ки аз тариқи Конститутсия ва дигар санадҳои қонунгузорӣ меъёрҳои бунёдии фаъолияти давлати демократӣ – асосҳои сохти давлатдории демократӣ, аз ҷумла моҳияти дунявӣ ва иҷтимоии он, муқаддас будани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, гуногунандешии сиёсӣ, таъсиси парламенти касбӣ, кафолати адолати судӣ ва баробар будани ҳамаро дар назди қонун, инчунин озодии виҷдонро эълон ва таъмин намоем.»

Паём моро ба сӯиояндаи нек раҳнамоӣ намуда, дар эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ собитқадам мегардонад.

**Эмомалӣ Насурдинов**
**декани факултети ҳуқуқшиносӣ**

# Гумрук - дарвозаи давлати соҳибистиқлол

Пайдоиши истилоҳи «гумрук» (таможенная)-ро мутахассисон аслан туркӣ-муғулӣ медонанд, ки он дар ибтидо маънои «тамға»-ро дошт. Дар қарнҳои XIII-XVIII дар Русия калимаи «тамға»-и тоҷикӣ шакли феълии «тамжит» (таможенная-гумрук)-ро гирифт, ки ифодагари маблағ ё пардохт аз молҳое, ки аз сарҳади гумрукӣ интиқол дода мешуданду мақомоти махсус онро тамға зада меситонданд, фаҳмида мешуд. Гарчи фаъолияти гумрукӣ таърихи қадима дорад ва пайдоишаш аз лаҳзаи мубодилаи мол оғоз мегардаду бо пайдоиши давлат вобастагии ногусастанӣ дорад, лекин мафҳуми «фаъолияти гумрукӣ» дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули нахустин Кодекси гумрукӣ ба вуҷуд омад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, гузариш аз иқтисоди планӣ ба иқтисоди бозоргонӣ сиёсати дарҳои кушодро пеша гирифта, муносибатҳои худро дар арсаи байналмилалӣ ба роҳ монд ва зарурат ба вуҷуд омад, ки мақомоти гумрук таъсис дода шавад.

Мақомоти мазкур тадриҷан ҳамкориҳоро дар сатҳи минтақа ва берун аз он дар бахши фаъолияти гумрукӣ оид ба интиқол додани молу воситаҳои нақлиёт, бо пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ, гардиши ғайриқонунӣ маводи нашъаовар, силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, содироти арзишҳои фарҳангӣ ва таърихии халқҳо, ба роҳ монд.

Ҳамин тариқ, 22 январи соли 1992 тибқи карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти гумрукӣ таъсис дода шуд, ки тамоми муносибатҳои сарҳадиро вобаста ба содирот ба воридоти ҳама гуна мол ба танзим медаровард. Инчунин, назорат аз болои содироти маводҳои стретегии барои ҳаёт ва саломатии одамон, ҳайвонот ва набототи муҳити зист пурзӯр карда шуд.

Шароити имрӯзаи рушди иқтисоди бозоргонӣ дар аксари ҳолатҳо ба амалсозии гумрук ва фаъолияти гумрукӣ вобастагии калон дорад. Амалигардонии самти мазкур бошад, ба зиммаи хадамоти гумрукӣ чун танзимгари фаъолияти иқтисоди хориҷӣ гузошта шудааст. Зеро аз кори дурусти гумрук инкишофи иқтисодиёт, густариши соҳибкорӣ, аз ҷумла тиҷорати хурд ва миёна вобастагии қавӣ дорад. Вобаста ба ин яке аз самтҳои асосии фаъолияти хадамот ин модернизатсия ва ислоҳоти мақомоти гумрук мебошад, ки он дар асоси созишномаи кредитии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёии Рушд ба роҳ монда шудааст. Бо ин мақсад аз соли 2005 инҷониб маркази идораи лоиҳаи минтақавии таҳким ва рушди инфрастуктураи назди хадамот фаъолият менамояд, ки масъалаҳои марбут ва татбиқи лоиҳа ба заммаи он гузошта шудааст. Имрӯзҳо хадамоти гумрук дар ташаккули қисми даромади буҷети давлатӣ саҳми калон гузошта, бахри таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон функсияҳои муҳими фискали ва ҳифзиҳуқуқиро анҷом медиҳад ва ба раванди иқтисодию иҷтимоии кишвар таъсири ногустании худро мерасонад.

Ҷиҳати такмили фаъолияти гумрукӣ ва бо мақсади ғанӣ гардондани қисми даромади буҷети давлатӣ, таъмини нақши воридоти пардохтҳои гумрукӣ мувофиқи нақшаи кори хадамот барои нимсолаи аввали соли 2013-ум аз ҷониби роҳбарияти хадамот як қатор фармоишу фармонҳо ва супоришҳо ба имзо расонида мешаванд.

Чандин маротиба дар суханронии бевоситаи худ Президенти мамлакат оид ба фаъолияти гумрук таъкид намудааст. Аз ҷумла, Ҷаноби Олӣ дар яке аз баромадҳои худ қайд менамояд: «Гумрук дар ҳаёти ҳар як давлати соҳибистиқлол аҳамияти фавқулода дорад ва гузашта аз ин дарвозаи ҳар як давлат аст. Зеро аз кори мақомоти гумрук на танҳо таъмини молиявии соҳаҳои гуногуни фаъолияти давлат, балки бехатарии иқтисодӣ, фарҳангӣ, идеологӣ ва экологии он вобастагии бевосита дорад» (Маҷаллаи «Гумрук» аз 23 -11- 2007,с.2).

Имрӯзҳо гумрук куллан мазмуну моҳияти дигарро барои ҳар як кишвари соҳибистиқлол касб намудааст. Зеро омӯзишу таҳқиқ ва дуруст ба роҳ мондани сиёсати гумрукӣ дар рушди иктисоди миллӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, бозори дохилӣ, таъмини истиқлолияти иқтисодӣ ва бехатарии иқтисодӣ мусоидат менамояд. Аз ин лиҳоз, гумрук дар шароити имрӯза хусусияти тақдирсоз дорад.

**Ҳикматулло Саидов**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ**

# Лингводидактические аспекты обучения иностранному языку

Содержание профессионально – ориентированного обучения иностранному языку. В курсе по выбору

Язык и его лексический состав неотделим от истории и культуры народа. Наоборот, именно язык является носителем цивилизации народа.

Издревле язык выполняет самую важную функцию, средства связи и взаимоотношения людей. Иностранный язык тоже не исключение. Он еще на заре цивилизации играл огромную роль в развитии истории и культуры.

Иностранный язык всегда был языком литературы и науки. В литературе и науке наряду с общеупотребительной лексикой также используются много специальных слов и словосочетаний, в частности термины.

Как один из основных лексических категорий в обогащении лексического состава и словарного фонда термины играют огромную роль. Поэтому изучением лингвистических и экстралингвистических особенностей терминов занимается отрасль – терминология. Под терминологией также понимается и термины, существующие в словарном составе языка и их употребления.

Терминология иностранного языка тоже имеет многовековую историю и своими корнями уходит до Древнего мира. Отрадно отметить, что последние годы изучением этой проблемы уделяется особое внимание, и в результате подготавливается немало монографических и диссертационных трудов.

Согласно И.Л. Бим, понятие «содержание обучения» включает в себя три компонента: идеальный материальный и процессуальный. Кроме того, личностно ориентированная парадигма образования обусловила введения дополнительного, четвертого компонента – ценностно-ориентационного аспекта обучения ИЯ. Поддерживая эту точку зрения и считая возможным «перенести» указанный компонентный состав обучения ИЯ в том числе на вузовский контекст, уточним, что применительно к предмету нашего рассмотрения, то есть курсу трактовка под идеальным компонентом мы будем понимать тематику и проблематику курса. Для отбора тем потребуется обратиться к зарубежным вузовским стандартам по специальности «юриспруденция» Материальный компонент содержание составят специализированные тексты (в том числе лекционные), на основе которых будет проводиться обучение. В качестве процессуального компонента будут выступать речевые действие в рамках специфических коммуникативных задач, требующих реализации речевых, компенсаторных, учебно-познавательных, социокультурных умений и языковых знаний в специализированной области «юриспруденция». Ценностно-ориентационный аспект обучения выразится в воспитательном характере курса, ориентации всех перечисленных компонентов содержания на общечеловеческие ценности, а также в ознакомлении с этическими нормами юридической профессии, требованиями к личностным качествам юриста.

Итак, обратимся к обязательному минимуму содержания основной образовательной программы подготовки дипломированного специалиста по специальности «юриспруденция». В него входит изучение следующих дисциплин (перечислим лишь специализированные юридические дисциплины): Теория, История государства и права, Конституционное право, Уголовное право, Гражданское право, Права человека, Транспортное право, Экологическое право, Коммерческое и предпринимательское права, Международное право, Судебное право и прокурорский надзор. В вузовском стандарте дается подробное содержание каждой из дисциплин.

Как можно заметить, главное внимание в стандартах и программах уделяется таким содержательным аспектам, как основы юридической деятельности, языковые особенности юридических произведений, публицистические жанры, методы социологического исследования в юриспруденции, правовые и этические основы профессии, а также основы теории коммуникации. По всей видимости, именно эти области знания и должны определять предметную сторону содержания курса обучения.

Таким образом, «подключение» профессионально ориентированного содержания к процессу обучения ИЯ в вузе предполагает интеграцию как филологических знаний со специализированными знаниями в области публицистики, теории коммуникации, социологии, так и навыком и умений в рамках специализированной деятельности юриспруденции с практическими умения владением иностранным языком, то есть практикой в различных видах речевой деятельности. Для осуществления подобной интеграции (вернее «ориентирования»процесса обучения на специализированную область юридической деятельности) имеется целый арсенал уже сформированных у студентов знаний, навыков и умений, которым можно придать специфическую прикладную направленность, то есть нацелит их на узкую профессиональную область. В связи с этим рассмотрим далее, каким образом иноязычная коммуникативная компетенция студентов может быть ориентировано на специализированную область юриспруденции.

Аналогично целям курса деятельности компонент содержания определяется благодаря ориентированию и нацеливанию аспектов содержательного компонента практического курса «Иностранный язык» (в плане речевых, компенсаторных, учебно-познавательных, социокультурных умений и языковых знаний и навыков, описанных в Государственном образовательном стандарте) на содержание юридической деятельности.

**Саид Зайниддинов**
**старший преподаватель кафедры Иностранных языков юридического факультета**

**Миралӣ Бекмуродов**
**заведующий кафедрой**

# Об – ҷузъе аз рамзи давлатӣ

Субҳгоҳон ҳангоме, ки мо аз хоб бармехезем, нахустин бархӯрди мо бо табиат оғоз мегардад. Умуман, инсоният дар оғӯши табиат умр ба сар мебарад ва оид ба он ки кадом риштаҳо моро бо табиат мепайвандад, кам андеша мекунад. Агар назаре бар табиат афканда шавад, метавон беҳтарин ва бебаҳотарин сарватҳоро дар он мушоҳида намуд, ки дар миёни онҳо об муъҷизаи бебаҳо буда, сарсабзиву шукуфои ва пойдории олам ба он марбут аст. Магар боре атрофи ин мавзӯъ фикр кардаем, ки сарчашмаи ин неъмати худовандӣ куҷост. Бояд гуфт, ки зебоӣ ва сарсабзиву хуррамии тамоми олам ба шарофати ин неъмати беназир ба амал меояд.



Агар ба таърихи гузаштаи худ бингарем, чунин ба назар мерасад, ки гузаштагони мо обро чун неъмати муқаддасу пок парастиш менамуданд ва тавассути он баъзе анъанаҳои миллиро ба ҷо меоварданд. Далели ин гуфтаҳо дурафши ориёӣ аст, ки парфишонии дурафш ин шабеҳи мавҷзании об аст, ки дар аҳди салтанати Пешдодиёну Каёниён аҷдодони гузаштаи мо аз ин рамзи давлатдории ҳуқуқӣ истифода бурдаанд. Аз ин рӯ, об низ яке аз он рамзҳои ҳуқуқӣ ба шумор мерафт.

Дар бузургтарин давлатҳои форси қадим аз қабили Тӯрон ва Эрони бостон фаъолияти судиро Худои об - Варуна ва писари ӯ Апам Нопат бар ухда доштаанд. Дар ҳамон давра ҳам, ки чандин қарнҳоро дар бар мегирад, об ҳамчун манбаи ҳаёт ва ризқу рӯзӣ эътироф мегашт.

Об ободонии дунё буда, барои кулли мавҷудият, аз он ҷумла аҳли инсон манбаи ҳастӣ шумурда мешавад. Чуноне ки дар «Қуръони Карим» омадааст: «Ҳар чизи зиндаро аз об падид овардем». Ба андешаи олимок сайёраи Замин дар байни системаи сайёраҳои офтоб «серобтарин» шуморида мешавад.

Бузургони ҷаҳон дар васфи об ҳамчун мояи зиндагӣ суханҳои барҷаста гуфтаанд ва аз ҷумлаи онҳо файласуфи Юнон Арасту қайд кардааст; «Об муъҷизаи бебаҳои зиндагӣ буда, асоси пойдории олами зиндаро ташкил медиҳад. «Муаррих Геродот оиди сокинони Форс менависад: «Юнониҳо дар дарё чизҳои ифлос намешӯянд, ба он туф намекунанд, даст намешӯянд ва аз дигарон чунин муносибатро талаб мекунанд ва оби дарёро муқаддас мешуморанд».

Олимон исбот намудаанд, ки барои фаъолияти муътадили организми инсон дар як шабонарӯз 20-25 литр оби нӯшокӣ лозим аст. Қадру манзалати об аз тамоми неъматҳои дигар болотар ва муқаддастар аст. Агар дар бадани инсон 8% об нарасад, одам аз ҳуш меравад. Агар 10% нарасад, дили одам аз кор мемонад.

Мувофиқи маълумоти СММ ҳоло дар рӯи Замин истифода ва масрафи умумии об бештар ба қитъаи Осиё рост меояд, зеро дар ин минтақа зиёда за 60%-и аҳолии Замин зиндагӣ мекунад.

Бояд гуфт, ки об бо сиёсат алоқаи хело зич дорад. Аксари давлатҳо, ноҳияҳо бо номи дарёҳо номгузорӣ карда шудаанд. Инчунин сарҳади аксари байни давлатҳоро дарёҳои гуногун ҷудо менамоянд. Аз ҷумла сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро дарёи Панҷ, давлатҳои Туркия ва Эронро дарёи Аракс, Русияро аз Руминия дарёи Прут, ИМА-ро аз Канада Кули Бузург ҷудо менамунад.

Бо қарори Ассамблеяи 55-уми Генералии СММ солҳои 2005-2015 «Даҳсолаи байалмилалии амалиёти об барои ҳаёт» эълон гардид, ки дар ин саҳми Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон басо бузург аст.

Об бо зиндагии иҷтимоии мардум иртиботи зич дошта, мардум дар анъанаҳо ва оинҳои мухталифи худ аз ин унсур истифодаи фаровон доранд. Дар баъзе халқу миллатҳои эътиқодманди дини христианӣ одамонро дар об шустушӯ намуда, онҳоро аз гуноҳ «тоза» (крешение) менамоянд. Дарёи Ганг (номи Худо) барои ҳиндувон оби муқаддас аст.

Дар Ҷумҳурии мо низ аксари расму одат, анъанаҳо аз қадим то имрӯз боқӣ мондаанд. Мардуми тоҷик ҳамчун миллати фарҳангдӯст, маърифати баланд ва таърихдошта ба ҳисоб меравад ва тамоми ободӣ ва ҳастии худро ба об мепайвандад. Ҷумҳурии мо низ яке аз давлатҳои серобтарин ба шумор рафта, бо тамоми ҳастиаш обро мувофиқи дастуру супоришҳои сарвари давлат бо муносибати дақик ва хоссае истифода мебаранд. Дар ҷаҳони муосир касалиҳои маризӣ бештар дида мешавад, ки сабабгори бисёре аз онҳо танқисии оби нӯшокӣ аст. Мо бояд ин неъмати бебаҳоро муқаддас дониста, мувофиқи матлаб, қоида ва таъиноташ истифода барем.

Ҳамин тариқ, бо ташаббуси Тоҷикистон ва азму талоши сарвари давлат муҳтарам Эмомолӣ Раҳмон, бо дастгирии кулли СММ соли байналхалқии оби тоза эълон карда шуд. Дар он ҷомеаи ҷаҳон аз проблемаҳои оби тоза ва зарурати ҳалли таъҷилии он ба таври мушаххас огоҳу таъкид карда шуд.

**Саломатшо Мирзоев**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**

# Куруши Кабир - поягузори ҳуқуқи инсон

Дар сарзамини таърихии тоҷикон, ки таърихи маскан ва гаҳвораи сабзиши ҷомеаи инсонӣ ба шумор меравад, дар замонҳои қадим давлат чун зуҳроти сиёсӣ ва ҳуқуқ чун падидаи ба танзимдарорӣ арзи вуҷуд дошт. Дар натиҷаи муттаҳид шудани қабилаҳои форс давлате бо номи Ҳахоманишиниҳо ба вуҷуд омад. Асосгузори ин давлат Куруши Кабир чун асосгузори аввалин империя дар ҷаҳон шинохта шудааст. Баъди забткориҳои натиҷаовар ҳудуди империя васеъ мешавад ва зарурияти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ба миён меояд. Куруши Кабир ба ғайр аз асосгузори аввалин империя, инчунин поягузори ҳуқуқу озодиҳои инсон шинохта шудааст. Зеро эъломияе, ки ӯ қабул намудааст ва имрӯз бо номи эъломияи Куруши Кабир машҳур аст, дар худ ҷабҳаҳои ҳуқуқу озодиҳои инсонро таҷассум менамояд. Аз ҷумла дар эъломия ҳуқуқ ба озоди дин, ҳуқуқ ба меҳнат, ҳуқуқ ба интихоби ҷои зист, ҳуқуқ ба моликият ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон оварда шудааст.



Куруши Кабир ҳамеша кӯшиш мекард, ки аз бовари мардумони кишвараш набарояд ва барои ҳамин чунин қайд намудааст:

« То рӯзе, ки зинда ҳастам ва Маздо подшоҳиро ба ман армуғон мекунад, кеш (дин) ва оини мардумоне, ки ман подшоҳи онҳо ҳастам, гироми бидорам ва нагузорам, ки фармонфармоён ва зердастони ман кешу оин ва дину равиши мардумони дигарро паст бидоранд ва ё онҳоро биёзоранд».

Мувофиқи маълумотҳои сарчашмаҳои таърихӣ дар яке аз лашкаркашиҳои Куруши Кабир ба ҳудуди имрӯзаи Исроил шаҳр ба вайроназор табдил меёбад ва дар шаҳр ибодатхонае мавҷуд буд, ки дар натиҷаи ҳуҷум аз ҷониби лашкариён сахт осеб дида буд. Аммо бо фармони Куруши Кабир аз нав бунёд карда мешавад, ки ин гуфтаҳои эъломияро тасдиқ мекунад.

Куруши Кабир мегӯяд, ки ҳар миллат озод аст, ки маро подшоҳи худ бипазирад ё напазирад ва нахоҳам гузошт, ки касе ба дигаре ситам кунад. Ҷои дигар оиди ҳуқуқи моликият ва меҳнат чунин мегӯяд:

«Ман то рӯзе, ки подшоҳ ҳастам, нахоҳам гузошт, ки касе молу мулки дигареро бо зӯр ва ё ба ҳар равиши нодуруст бидуни пардохти арзиши воқеии он бигирад ва ё касеро ба кор бигирад ба ӯ музд напардозад.

**Идома дар саҳ. 7**

# К ВОПРОСУ О КУЛЬТУРЕ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА




**В современных условиях реформирования правовой системы в Республике Таджикистан преобразования затрагивают нормативную основу, правовые институты, правоприменительную практику реализации обширного законодательства, а соответственно происходят трансформации и в области духовной сферы, влекущие необходимость формирования не только правовой грамотности и правовой культуры у всех слоёв общества, но и высокого уровня культуры прав человека.**

Права человека в современном мире — мощный пласт общечеловеческой культуры, без его освоения невозможно объективно оценивать всю систему сложных и противоречивых политических, правовых, социальных и экономических процессов, происходящих как в Таджикистане, так и на международном уровне. Признание человека, его прав и свобод высшей ценностью является важнейшим достижением цивилизации,базовым конституционно-правовым принципом и основной задачей гуманизации общественной и государственной жизни.

Для того чтобы уважение прав и свобод человека как основы демократии стало нормой, необходимо, чтобы граждане Республики Таджикистан сами осознавали свои права и свободы, имели определенные знания в данной сфере, уважали права и достоинство других людей, а также обладали практическими навыками в области их защиты. Все это — важнейшие элементы культуры прав человека, а высокий уровень культуры прав человека, в свою очередь, одна из гарантий реализации прав и свобод.

Культура прав человека — новая для юридической науки категория, которая требует самого пристального внимания учёных-правоведов. Понятие «культура прав человека» впервые появилось на страницах информационных материалов ООН в 1989 г. По мнению автора настоящей статьи, культура прав человека является составной частью духовной культуры и представляет собой систему знаний, ценностных ориентаций и взглядов, эмоций и чувств, основанных на признании и уважении достоинства человека, его прав и свобод, а также практических навыков и умений по их реализации и защите. Она имеет многоуровневый характер и пронизывает все составные части духовной культуры, отражая в них понятие «права человека». Уникальность культуры прав человека заключается в тесной связи её основных частей. В качестве таких элементов или признаков данной категории можно выделить: знания, мировоззренческие установки или взгляды, эмоции и чувства, навыки и умения, находящиеся в системном взаимодействии. Другими словами, при разработке понятия «культура прав человека» необходимо обратить внимание на несколько важнейших аспектов: рациональный, аксиологический, психологический и прагматический.




Кроме того, следует учитывать многоуровневый характер данной категории. Так, на основе субъектного состава необходимо выделить следующие её типы: культуру прав человека общества в целом, культуру прав человека отдельных социальных групп, индивидуальную культуру прав человека конкретной личности. Необходимо отметить также и уровни культуры прав человека: обыденный, профессиональный и теоретический, которые формируются в процессе просвещения в области прав человека и социализации.

Так, обыденный уровень культуры прав человека обычно характеризуется отсутствием глубоких обобщений. В современном мире практически все люди имеют определенные знания или отношение к проблематике прав человека, могут высказать суждения в данной сфере, сталкивались с нарушениями и имеют опыт защиты собственных прав и свобод. Именно обыденный уровень культуры прав человека чаще других подвержен влиянию разрушительных идей национализма, нетерпимости, ксенофобии и негативных явлений общественной жизни. Профессиональный уровень культуры прав человека более высокого порядка. Обычно он характерен для лиц, профессионально занимающихся формальным и неформальным образованием в области прав человека, правозащитников, юристов. Профессиональным уровнем культуры прав человека в идеале должны обладать все без исключения государственные чиновники и муниципальные служащие. Теоретический уровень культуры прав человека характерен для ученых-теоретиков и исследователей-практиков, работников научно-исследовательских и учебных центров, занимающихся научной разработкой различных аспектов и положений современной теории прав человека.

Таким образом, культура прав человека многогранна, состоит из множества пластов. Как уже было сказано выше, с одной стороны, она представляет собой составную часть духовной культуры, а с другой стороны, пронизывает абсолютно все другие её части, в том числе и правовую культуру, отражая в ней понятие «права человека».

К сожалению, сегодня Таджикистан не может похвастаться высоким уровнем культуры прав человека, характерным как для рядовых граждан, так и для должностных лиц. Незнание гражданами своих прав и неоднозначное отношение к правам и свободам как к социальной ценности в обществе, неуважительное отношение к закону, государственным и социальным институтам, безусловно, являются препятствием на пути проведения демократических преобразований в стране. Для преодоления этих явлений необходим переход к активным действиям со стороны государства и гражданского общества, созидающим уважение к правам и свободам человека. При этом существенным условием формирования культуры прав человека в РТ является развитие научного знания о правах и свободах человека, создание специализированных образовательных структур, занимающихся научными исследованиями в юридической науке, организация кафедр прав человека, защита диссертационных работ и т.п.

**Павленко Е.М.**
**Зав. кафедрой международного права и прав человека Института права Московского государственного университета экономики, статистики и информатики (МЭСИ), к.ю.н., доцент**

# Ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ

Ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ яке аз проблемаҳои муосири илми ҳуқуқи инсон ба шумор рафта, мақсаду мароми он ҳимоя намудани инсон аз ҳама гуна табъиз ва кафолати амалигардонии баробарҳуқуқии инсон ва шаҳрванд мебошад. Бо ин мақсад Лигаи миллатҳо ҳимояи ҳуқуқи ақаллиятҳои миллиро ҳанӯз дар давраи фаъолияти худ ба роҳ монда буд. Соли 1947 Созмони Миллали Муттаҳид ба масъалаи ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ диққати ҷиддӣ дод ва бо қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар давраи нави ҳимояи ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ оғоз гардид.

Ҳимояи ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ яке аз самтҳои фаъолияти СММ маҳсуб мешавад, ки аз давлатҳо талаб менамояд, то дар дохили худ ба нобаробарӣ аз рӯи хусусиятҳои миллӣ, этникӣ, динӣ ё забонӣ байни шаҳрвандони худ ва шахсоне, ки дар дохили давлат истиқомат доранд, роҳ надиҳанд.

Дар зери мафҳуми ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ низоми кафолатҳои ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки тавассути онҳо ҳар як инсон ва шаҳрванд новобаста аз миллат, мансубият ба этнос, дин ё забон баробарҳуқуқ мебошад.

Мазмуни ҳуқуқи ақаллиятҳои миллиро ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки ба аққалиятҳои миллӣ хос мебошанд, ташкил медиҳанд. Ҳуқуқу озодиҳои ақаллиятҳои миллӣ ба он хотир муайян карда шудааст, ки онҳо бо он аҳолие, ки гурӯҳи аксариятро ташкил менамоянд, баробарҳуқуқ бошанд ва ҳеҷ гуна табъиз нисбати онҳо ҷой надошта бошад. Мақсади дигари муайянкунии ҳуқуқу озодиҳои ақаллиятҳои миллӣ ин оромии ҷамъият ва амнияти давлатӣ мебошад.

Ҳуқуқу озодиҳои ақаллиятҳои миллӣ инҳо мебошанд: ташкил намудани иттиҳодияҳои ақаллиятҳои миллӣ, этникӣ, динӣ ё забонӣ ва таъмини фаъолияти мӯътадили онҳо; истифода бурдан аз комёбиҳои фарҳангию мадании худ; аз забони модарии худ озодона истифода бурдан; омӯхтани забон, таърих, урфу одат ва анъанаҳои миллии худ; ҷашн гирифтани иду маросимҳои миллии худ; ибрози мамнуъ намудани фикру ақида ва манфиатҳои миллии худ дар ҳаёти сиёсӣ ва корҳои идоракунии давлатӣ ва ғ.

Дар санадҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон махсус овардани ҳуқуқу озодиҳои ақаллиятҳои миллӣ маънои онро надорад, ки ҳуқуқи онҳо аз аҳолии аксариятро ташкилкунанда бартарӣ дошта бошад. Амали мазкур танҳо ба хотири он анҷом дода шудааст, ки ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ аз ҳар гуна ҳуқуқвайронкуниҳо ҳимоя карда шуда, бо ҳуқуқу озодиҳои аҳолии аксариятро ташкилкунанда дар баробарӣ қарор дошта бошад.

Давлатҳои аъзои СММ вазифадоранд дар дохили давлати худ имконияти истифода намудани ҳуқуқу озодиҳои ақаллиятҳои миллиро таъмин намоянд ва барои онҳо шароитҳо муҳайё созанд. Дар ҳолати вайрон гаштани ҳуқуқу озодиҳои аққалиятҳои миллӣ онҳо метавонанд ба механизмҳои дохилидавлатӣ (миллӣ) ва байналхалқии ҳимояи ҳуқуқи инсон муроҷиат намоянд.

Дар давраи муосир давлатҳои аъзои СММ барои ҳимоя намудани ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ ва дар сатҳи баробар гузоштани ҳуқуқу озодиҳои онҳо бо аҳолии аксариятро ташкилкунанда тамоми тадбирҳои лозимиро андешида истодаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз чунин давлатҳои ҷомеаи башарӣ ба шумор меравад, ки дар он тамоми воситаҳои дохилидавлатии ҳимояи ҳуқуқи инсон бахри таъмини ҳимояи ҳуқуқи аққалиятҳои миллӣ равона карда шуда, масъалаҳои ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ танзими ҳуқуқии худро ба пуррагӣ ёфтааст.

**Фирӯз Шоев**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ**



# Аҳамияти таърихӣ ва ҳуқуқии Мурофиаи Нюрнберг

**Идома аз шумораи гузашта**

• Ба ҳукми қатл тавассути овехтан: Геринг, Риббентроп, Кейтел, Калтенбруннер, Розенберг, Франк, Фрик, Штрейхер, Заукел, Зейсс-Инкварт, Борман (ғоибона), Йодл (пас аз маргаш соли 1953 аз ҷониби Суди Мюнхен сафед карда шуд);

• Ба ҷазои якумра: Гесс, Функ, Редер;

• Ба 20 соли маҳкумӣ дар зиндон: Ширах, Шпеер;

• Ба 15 соли маҳкумӣ дар зиндон: Нейрат ва10 соли маҳкумӣ дар зиндон: Дениц ҷазо дода шаванд.

• Фриче, Папен ва Шахт сафед карда шаванд.

Ҳукмҳои қатл шаби 16 октябри соли 1946 дар бинои маҳбасхонаи Нюрнберг иҷро карда шуданд.

Ҳамин тавр, Трибунали Нюрнберг амсолияи тобеияти судии шахсони мансабдори олии давлатӣ ба Суди байналмилалӣ буда, принсипи асримиёнагии «Шоҳон танҳо ба Худо тобеияти судӣ доранд»-ро инкор намуд.

Бояд қайд кард, ки вобаста ба воқеаҳои дар Нюрнберг гузашта ду ҷараёни ба ҳам муховиф вуҷуд дорад. Мувофиқи ҷараёни аввал Мурофиаи Нюрнберг намунаи татбиқи адолати байналмилалӣ мебошад. Ҷонибдорони ин нуқтаи назар (назари либералӣ - глобалистӣ) чунин меҳисобанд, ки Мурофиаи Нюрнберг ҳодисае мебошад, ки ба ташкил намудани тартиботи нави байналмилалӣ замина гузоштааст. Принсипи суди байналмилалиро ҳамчун зинаи болой, принсипи афзалияти ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба ҳуқуқи миллиро тағйирнаёбанда ва барои ҳамеша муқарраршуда меҳисобанд. Зиёда аз он, ба ақидаи онҳо Мурофиаи Нюрнберг – ин аз ҳадгузарӣ ё сӯиистеъмол набуда, балки муқаррарнамоии меъёр мебошад, ки метавон ҳар гоҳ ва нисбати ҳар касе, ки зарур бошад, амалӣ гардонида шавад. Суолҳои зиёде ба миён меоянд - «Судяҳо киҳоянд?» Аз куҷо адолати байналмилалии умумиҷаҳонии мутлақ таъмин карда мешавад? Кадом омил кишварҳои миллиро водор менамояд, ки адолати судии беғаразӣ ба ин монандро эътироф намоянд ва ба дасти кӣ бояд дод тарозуи Фемида ва шамшери ҷазодиҳандаро? Ҷонибдорони нуқтаи назари либералӣ – глобалистии Мурофиаи Нюрнберг дар ҷавоб ба ин суолҳо оид ба ташкили ҳукумати ҷаҳонии нағзбахш, ки фақат он қодир аст ҷаҳонро аз ҳалокатҳои қарни XXI эмин дорад, сухан меғӯянд. Вале онҳо ба суоле, ки чӣ тавр ҳукумати ҷаҳонӣ бояд ташкил карда шавад, посух надоранд.

Ҳарифони либерал – глобалистон Мурофиаи Нюрнбергро зери танқиди шадид қарор дода, онро ҳамчун нуқтаи дигаргуншавӣ меноманд, ки пас аз он принсипҳои калидии ҳуқуқ проблеманок гардидаанд. Онҳо арз медоранд, ки воқеаҳои дар Нюрнберг аз 20 ноябри соли 1945 то 1 октябри соли 1946 гузашта, тасдиқи ҳуқуқи ғолибон ҷиҳати ба вуҷуд овардани суд бар болои мағлубшудаҳо мебошад. Тасдиқи ҳокимияти пурраи ҳуқуқии ғолиб ва тасдиқи принсипи қувва, ё ба таври дигар саршавии гузариш аз мутлақияти меъёрҳои ҳуқуқ ба худсарии ҳуқуқӣ мебошад. Дар мазаммати Трибунали ҳарбии Нюрнберг дар баробари Трибунали ҳарбӣ барои Шарқи Дур ҳамин гузошта мешавад, ки онҳо судҳои post factum мебошанд, яъне судҳое, ки пас аз ба миён омадани факту воқеаҳои зикршуда ташкил карда шудаанд. Гузашта аз он, ба ақидаи онҳо адолати судӣ бо сарфи назар кардан аз принсипи nullum cџimen sine poena, nulla poena sine lege, nullum cџimen sine poena legali (ҷиноят бе ҷазо, ҷазо бе қонун, ҷиноят бе ҷазои қонунӣ вуҷуд надорад) ҷорӣ карда шудааст. Ҳам либерал-глобалистон ва ҳам ҳарифони онҳо аз лагери консервативӣ хусусияти беҳамтоёнаи агрессияи фашистиро ба муқобили Иттиҳоди Шӯравӣ ва кишварҳои Аврупо ба эътино намегиранд. Характери тозакунононаи этникӣ ва генотсидро, ки аз ҷониби идеологҳои нажодпараст сурат гирифтааст, ба эътибор намегиранд.

Дарвоқеъ, нисбати фашизм, ки амалиёти ғайриинсониаш дар ҷаҳон беҳамто буд, инсоният дар он вазъият наметавонист ба таҳияи воситаҳое, ки минбаъд такроршавии онро пешгирӣ намоянд, шурӯъ накунад.

Ба маломаткунандагони трибуналҳо оид ба ҷиноятҳои ҳарбӣ ҳаминро хотирнишон намудан мумкин аст, ки дар ҳуқуқи байналмилалии ҳамон замон асоси кофӣ барои таъқиби ҷиноятнкорони ҳарбӣ мавҷуд буд. Гуфтан ба маврид аст, ки проблемаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои оғози ҷанг ва ҷиноятҳо ба муқобили шахсият дар ҷараёни амалиёти ҷангиро амалияи ҳуқуқи байналмилалӣ кӯшиш намуд, чи пеш аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ва чи дарҳол пас аз хотимаёбии он, ҳал намояд. Ҳанӯз соли 1907 Конвенсияи IV-и Гаага муқаррар намуда буд, ки «тарафи ҷангкунанда барои тамоми амалиёти аз ҷониби шахсони дар ҳайати қуввахои ҳарбии он шомилбуда ҷавобгар мебошад». Ҷанги якуми ҷаҳон бо қурбониҳои барои ҳамон давр бемислу монандаш масъаларо оид ба ҷазодиҳии мушаххаси гунаҳкорони ҳам худи агрессияи ҳарбӣ ва ҳам гунаҳкорони мушаххаси ҷиноятҳои ҳарбӣ ба миён гузошт.

Дар давраи солҳои 1919-1939 ҳамчунин қадамҳои устувор барои ташкили базаи ҳуқуқӣ ҷиҳати ба ҷавобгарӣ ҷалб намудан барои содир намудани ҷиноятҳои ҳарбӣ гузошта шуд. Чунончи Конвенсияҳои Женева аз соли 1927 ва 1929 ба таври дақиқ вазъи ҳуқуқӣ, статус ва шароити нигаҳдории қурбониёни амалиёти ҳарбӣ – маҷрӯҳон, беморон ва асирони ҳарбиро ба танзим медаровард. Ҳимоятгароне, ки дар курсии судшавандагон қарор доштанд, кӯшиш мекарданд ба тавзеҳоти si omnes, ки ҳатмӣ будани риояи шартномаро танҳо дар сурати иштироки тамоми тарафҳои ҷангкунанда дар он пешбинӣ мекунад, такя намоянд. Вале Трибунали байналмилалӣ қайд намуд, ки Конвенсияҳои Гаага (1907 с.) ва Женева (1929 с.) қисми ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ буда, барои иҷроиш аз ҷониби тамоми давлатҳо ҳатмӣ мебошанд.

Принсипҳое, ки дар Оинномаи Трибунал мустаҳкам карда шудаанд, дере нагузашта аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ ҳамчун принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ тасдиқ карда шуданд.

Таъсири Мурофиаи Нюрнберг ба тараққиёти ҳуқуқи байналмилалӣ, рушди минбаъдаи адлияи ҷиноятии байналмилалӣ, ташкили механизмҳои ҳуқуқӣ бахри пешгирии таҳдидҳо асос гузошт.

Мурофиаи Нюрнберг бо принсипҳои тасдиқшуда, инкишофёфта ва таҳияшуда (пеш аз ҳама принсипи ҷавобгарии ҷиноятӣ новобаста аз ҳолати мансабдорӣ) ва критерияҳои асосии ҷиноятҳои вазнини байналмилалӣ, ба инкишофи ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ, ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ нерӯи нав бахшид ва оғози таърихи ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ гардид.

Принсипҳои мазкур бо Резолютсияҳои Ассамблеяи Генералии СММ аз 11 декабри соли 1946 ва аз 21 ноябри соли 1947 тасдиқ карда шуданд. Дар асоси ин Резолютсияҳо соли 1948 Конвенсия дар бораи пешгирӣ намудани ҷиноятҳои генотсид ва ҷазодиҳӣ барои он ва минбаъд соли 1973 Конвенсия оид ба пешгирии ҷиноятҳои апартеид ва ҷазодиҳӣ барои он қабул гардиданд.

Бо баровардани ҳукм нисбат ба ҷинояткорони асосии фашизми гитлерӣ Трибунали байналмилалии ҳарбӣ ҷанги таҷовузкоронаро ҳамчун ҷиноятҳои хусусияти байналмилалидошта эътироф намуд.Татбиқнопазир будани муҳлати даъво ҳамчун принсипи ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ дар Конвенсияи СММ оид ба татбиқнопазир будани муҳлати даъво ба ҷиноятҳои ҳарбӣ ва ҷиноятҳо ба муқобили инсоният аз соли 1968 мустаҳкам карда шуд.

Инчунин барои вайрон кардани муқаррароти Конвенсияҳои Женева оид ба ҳифзи қурбониёни ҷанг аз соли 1949 ва Протоколҳои иловагӣ аз соли 1977 ҷавобгарии байналмилалӣ пешбинӣ карда шуд. Таҳқиқоти дар ҷараёни Мурофиаи Нюрнберг гузаронидашуда ҳаҷми зиёди вайронкуниҳои ганҷинаҳои фарҳанги ҷаҳониро ошкор намуд, ки ба қабули Конвенсияи ЮНЕСКО оид ба ҳифзи ёдгориҳои фарҳангӣ аз соли 1954 сабаб гардид.

Дар охир гуфтан ба маврид аст, ки хулосаҳо ва мавқеи ҳуқуқии Трибунали байнламилалӣ ба мазмуни Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз соли 1948, Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ аз соли 1950 ва Пактҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон аз соли 1966 низ бетаъсир намонданд.

Ҳамин тавр, Трибунали Нюрнберг Ҷанги дуюми ҷаҳониро бо воситаҳои ҳуқуқӣ саранҷом намуда, бахри ташаккулёбии низоми ҳуқуқи байналмилалии муосир, пеш аз ҳама дар чунин соҳаҳо ба мисли ҳифзи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ заминаҳои мусоид фароҳам овард.

**Мирзоев Амонулло**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ**

**Идома аз саҳ. 4**

Оид ба интихоби ҷои зист ва интихоби меҳнат чунин мегӯяд, ки ҳар кас дар ҳар ҷое, ки мехоҳад сукунат кунад, касбу кореро мехоҳад интихоб намояд, танҳо ба шарте, ки ҳаққи касеро поймол нанамояд. Инчунин ҳар кас ба ҷинояти содиркардааш худаш ҷавоб мегӯяд.

Дар давраҳои пеш аз Куруш шахс агар ҷиноят содир менамуд, ба ҷои он шахси дигарро ҳуқуқи ҷазо додан доштанд, ки инро Куруши Кабир манъ намуд. Ҷои дигар оид ба озодӣ чунин мегуяд:

«То рӯзе, ки ман зинда ҳастам, нахоҳам гузошт, ки мардон ва занонро бо номи барда ва ё каниз бифрӯшанд ва ин расми зиндагӣ бояд аз гетӣ рахт барбандад».

Гарчанде, ки Хартияи бузурги озодӣ дар олами Ғарб нахустин санади эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон шинохта шудааст, аммо дар олами шарқиён ҳанӯз барвақтар эъломияе, ки Куруши Кабир қабул намудааст, ҳамчун аввалин санади ҳуқуқу озодиҳои инсонро таҷассумкунанда эътироф мешавад. Аз мактаби поягузоштаи ҳуқуқи Куруши Кабир дар давраҳои гуногуни таърихӣ истифода кардаанд ва ҳатто дар қонунгузории имрӯзаи мо низ мушоҳида мешавад. Аз ҷумла дар қонуни асосии кишвар - Конститутсия, интихоби дин (моддаи 26), интихоби озодии маҳалли зист (моддаи 24), интихоби касбу кор (моддаи 35) ва ғайра дида мешавад, ки то имрӯз дар натиҷаи пешравиҳои инсоният инкишоф ёфтаанд.

**Ҷалол Атоев**
**донишҷӯи соли 1-ум**

# Ҳуқуқи кӯдакро ҳимоя кунем!



Аҳднома оид ба ҳуқуқи кӯдак 20 ноябри соли 1989 бо Қатъномаи 44/25 аз тарафи Ассамблеяи Генералии СММ қабул шудааст, ки аз 54 модда иборат аст.

СММ дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар эълон намудааст, ки кӯдакон ҳуқуқ ба кӯмак ва ғамхории махсус доранд. Саволе пайдо мешавад, ки кӯдак кист? Ҷавоби ин савол дар моддаи 1-и Аҳдномаи ҳуқуқи кӯдак чунин омадааст: «Кӯдак шахсе мебошад, ки синни 18-ро пур накардааст, ба истиснои ҳолате, ки мутобиқи қонунҳои миллӣ камолоти кӯдакро дар синну соли нисбатан пештар муқаррар намудааст». Кӯдакон ҳамчун оиндаи ҷамъият бояд пеш аз ҳама ба шароити хуби зиндагӣ, мактаб ва нигоҳубинии падару модар таъмин бошанд. Кӯдакон бояд олами кӯдакии худро бо зебоӣ, хушбахтӣ ва рангинӣ гузаронанд, то дар хотири онҳо абадан монад.

Мавриди хурсандист, ки имрӯзҳо дар ҷумҳурии мо як қатор ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ фаъолият доранд. Мақсади асосии ин ташкилотҳо аз он иборат аст, ки кӯдакони дар вазъи ногувори зиндагӣ мондаро дастгирӣ намоянд. Бисёр кӯдаконе ҳастанд, ки бо ҳукми тақдир аз волидайн маҳрум гаштаанд ва онҳо ба дуздӣ, авбошӣ ва ғоратгарӣ даст мезананд. Инчунин кӯдаконе ҳастанд, ки аз тангдастӣ ва камбудии рӯзгор аз таҳсил дур мемонанд, дар кӯчаҳо ба савдогарӣ, гадой, мошиншӯӣ ва ғайра шуғл меварзанд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар баромадҳои худ таъкид кардааст, ки кӯдакон ояндаи моанд ва ягон кӯдак дар мамлакат бесоҳиб намемонад. Давлат ятимонро ҳамеша дастгирӣ мекунад ва дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ зоҳир менамояд.

Дар Аҳдномаи ҳуқуқи кӯдак гуфта мешавад, ки «падару модар масъулияти асосии тарбияи кӯдакро ба уҳда доранд ва давлат бояд онҳоро дар ин роҳ дастгирӣ намояд. Давлат ба падару модар дар тарбияи фарзанд бояд ёрии ҳуқуқӣ расонад».



Дар Эъломияи ҳуқуқи кӯдак қайд шудааст, ки «кӯдак бо вуҷуди ноқисии ҷисмонӣ ва фикрӣ доштанаш ба ғамхорӣ ва муҳофизати махсус бо назардошти ҳифзи ҳуқуқҳояш то таваллудшавӣ ва баъди он ниёз дорад».

Бояд иқрор шуд, ки дар ҳамаи мамлакатҳои дунё кӯдаконе ҳастанд, ки дар вазъи душвор ҳаёт ба сар мебаранд ва ба ин гуна кӯдакон диққати махсус бояд дод. Инчунин ба анъана ва фарҳанги бебаҳои ҳар як халқ барои равнақи ҳаматарафаи кӯдак аҳамият додан лозим аст.

Дар моддаи 38-и ин Аҳднома гуфта мешавад, ки давлатҳои аъзо бояд ҳамаи чораҳоро андешанд, ки шахсони ба синни 15-солагӣ нарасида бевосита дар амалиётҳои ҷангӣ ширкат наварзанд. Инчунин ба сафҳои қувваҳои мусаллаҳи худ шахсони ба 15-солагӣ нарасидаро даъват накунанд. Мувофиқи Аҳдномаи мазкур кумита оид ба ҳуқуқи кӯдак таъсис дода шудааст, ки аз 10 нафар экспертҳои салоҳиятнок ва дорои сифатҳои баланди инсонӣ иборат мебошад. Аъзоёни кумита бо овоздиҳии пинҳонӣ аз ҳисоби шахсони давлатҳои аъзо пешниҳодшуда интихоб карда мешаванд. Ҳар як давлати аъзо ҳуқуқ дорад як нафар шаҳрванди худро пешбарӣ намояд.

Ба оила ҳамчун ячейкаи асосии ҷамъият кӯмакро набояд дареғ дошт. То ки оила тавонад ҳамаи вазифаҳои ба дӯшаш вогузоштаро ба иҷро расонад. Барои ташаккул ва инкишофи шахсияти кӯдак доираи оила, фазои хушбахтӣ ва муҳаббату якдигарфаҳмӣ зарур аст. Кӯдак бояд ба ҳаёти мустақилона дар ҷамъият тайёр гардад ва дар рӯҳияи сулҳу субот, ҳақиқатдӯстӣ, пуртоқатӣ, озодӣ, баробарӣ ва ҳамфикрӣ, ки дар Оинномаи СММ дарҷ гардидааст, тарбия ёбад.

Ҳифзи махсус нисбати кӯдак дар Эъломияи женевагии ҳуқуқи кӯдак соли 1924 ва Эъломияи ҳуқуқи кӯдак, ки аз тарафи Ассамблеяи генералӣ 20 ноябри соли 1959 қабул шудааст, таъкид мешавад. Яке аз масъалаҳои муҳим масъалаи илмомӯзии кӯдакон мебошад. Дар моддаи 28-и Аҳднома омадааст, ки давлатҳои аъзо уҳдадоранд: кӯдаконро ройгон маълумоти ибтидоии ҳатмӣ диҳанд; чораҳои зарурӣ дида шавад, ки кӯдакон маълумоти миёнаи умумӣ, касбӣ ва агар зарур шавад олӣ гиранд, кӯмаки молиявӣ расонанд; барои мунтазам фаро гирифтани кӯдакон ба таҳсил чораҳои зарурӣ андешида шавад ва барои аз мактаб дур намондани онҳо кӯшиш ба харҷ додан лозим аст.

Дар диёри зебоманзари мо-Тоҷикистон волоияти қонун бартарӣ дорад ва ҳуқуқи кӯдак ҳамеша ҳимоя мешавад. Рӯзи байналхалқии ҳифзи кудакон муборак!

**Муздалифабонуи**
**Мирзомуддин**
**донишҷӯи соли якум**

## Таъзия:

Устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ба устоди кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат Мавлонназаров Одилбек нисбати вафоти

**ПАДАРАШ**

изҳори тасаллият менамоянд.

## Таъзия:

Устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ аз марги нобаҳангоми донишҷӯи соли 4-и шуъбаи рӯзонаи факултет

**ИБРОҲИМОВ БАҲРИДДИН**

сахт андуҳгин буда, ба хешону наздиконаш сабри ҷамил хоҳонанд.

# ҲУҚУҚШИНОСОН - ЧЕМПИОН

Хонандаи гиромии Минбари ҳуқуқшинос хуб огоҳ аст, ки тӯли як моҳ дар ДМТ байни муаллимон ва кормандони донишгоҳ мусобиқаи футбол идома дошт. Дар ин мусобиқа факултети ҳуқуқшиносӣ яке аз пешсафон ба ҳисоб мерафт. Устодони факултети ҳуқуқшиносӣ дар ҳамаи бозиҳо ғалабаро ба даст оварда, рӯзи 15 май бо дастаи факултети молиявию иқтисодӣ дар варзишгоҳи Роҳи оҳан вохӯрии финалиро анҷом доданд. Бозӣ тезутунд мегузашт, гӯё ҳар кас дар симои коммандааш нангу номусро ҳифз мекард. Дар ин бозӣ устодони факултети ҳуқуқшиносӣ маҳорату малакаи баланд нишон дода, бо ин дастаи пурқувват 90 дақиқаи вақти асосиро бо ҳисоби мусовӣ анҷом доданд. Майдон пур аз мухлисон буд. Аз ҳар ду факултет устодону донишҷӯёни зиёд барои ҳаводории дастаи дӯстдоштаашон омада буданд. Ҳатто духтарони



факултаҳо ба мухлисӣ омада буданд. Довари майдон ду тайми 15-дақиқаиро бо ҳуштакаш анҷом бахшид, Вале ҳарду қисми иловагӣ низ бенатиҷа анҷом ёфт. Вақти нангу номус даррасид: зарбаҳои ёздаҳметра (пеналти) !!!

Голҳоро ба дарвозаи ҳарифон устодони факултет Мавлонназаров О., Абдухоликов А., Қурбонов Ч., Қурбонов Қ., Саидов Ҳ. (голи тиллоӣ) заданд. Ҳисоб: 5:3. Факултети ҳуқуқшиносӣ – чемпион!!! Инак, аъзои дастаи Ҳуқуқшинос:

1. Тоиров Салоҳиддин – дарвозабон (№1)
2. Сафаров Б. – капитани даста (№9)
3. Мавлонназаров О. (№ 15)
4. Қурбонов Қ. (№ 5)
5. Қурбонов Ч. (№ 7)
6. Саидов И. (№8)
7. Саидов Ҳ. (№ 10)
8. Шарипов Р. (№ 14)
9. Тайфуров З. (№ 6)
10. Миралиев И. (№23)
11. Абдухоликов А. (№ 12)
12. Сафаров А. (№33)
13. Мирзоев П. (№99)
14. Сафаров Д. (№ 4)
15. Идиев Ф. (№ 12)
16. Одинаев Р. - дастгири маънавии тим
17. Қутбиддинов Ф. – дастгири маънавии даста
18. Қурбоналиев Н. (№ 11)
19. Сулаймонов М. (№ 2)
20. Абдухоликов А. (№3)

Дар фарҷоми бозӣ ба ҳамаи иштирокчиёни мусобиқа, ки ҷойҳои 1, 2 ва 3-ро гирифтанд аз ҷониби ҷонишини ректор оид ба илм, профессор Каримов М. Б. ифтихорнома ва маблағҳои пулӣ тақдим карда шуд. Ҳамин тариқ:

Ҷои 1: факултети ҳуқуқшиносӣ;

Ҷои 2: факултети молия ва қарз;

Ҷои 3: факултети механикаю математика.

**Ҷаҳонгир Саъдизода махсус барои Минбари ҳуқуқшинос**

## Конференсияи ҳуқуқшиносон



Санаи 16 май дар факултети ҳуқуқшиносӣ конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Тадбирҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, пешгирии ҷинояткорӣ, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дар Тоҷикистон» баргузор гардид. Конфронси мазкур дар заминаи Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ ташкил карда шуд.

Дар конфронси мазкур мушовири давлатии Президенти ҶТ оид ба сиёсати ҳуқуқӣ Давлатов Ҷ.М., мудири шуъбаи назорати Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ Ғоибназаров А., муовини ректори ДМТ оид ба илм, профессор Каримов М.Б., мушовири калони муовини якуми раиси маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии ҶТ Нусратов Л.М., муовини сардори Раёсати тафтиши парвандаҳои ҷиноятии махсусан муҳими Прокуратураи генералии ҶТ Раупов Ф.Х., муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Баҳриддинов С.Э., сарнозири Раёсати пешгирии коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ Шарипов Ш.М., мудири кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ ва ҳуқуқшиносии мукоисавии Донишгоҳи (славянии) Руссияву Тоҷикистон Тагаева С.Н., ёрдамчии судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Куканов С. ва дигар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баромад намуданд.

Инчунин дар конфронс декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дотсент Насурдинов, устодони факултет Э.С.,Маҳмудов И.Т., Раҷабов М.Н., Сулаймонов Ф.С., Сангинов Д.Ш., Сафаров А.И., Нодиров Ф.М., Сафаров И.Д. бо маърӯзаҳои пурмуҳтаво баромад намуданд. Дар анҷоми конфронс қарор шуд, ки натиҷаи таҳлилу баррасиҳо ва хулосаҳои иштирокчиён ба мақомоти давлатӣ пешниҳод карда шавад. Инчунин маърӯзаҳои иштирокчиён дар шакли маҷмӯа чоп карда мешавад.

## Конфронси олимони ҷавон дар ДМТ

Давоми 2 рӯз дар ДМТ конфронси Шӯрои олимон ва муҳаққиқони ҷавон идома дошт. Дар он Ректори ДМТ Имомов М.С. баромад намуда, ба ҳамаи иштирокчиён дар ҷодаи илм барору комёбӣ орзу намуд. Дар конфронси мазкур 134 маърӯза шунида шуд. Баргузории чунин конфронсҳо ба ташаккули дониши муҳаққиқони ҷавон мусоидат хоҳад кард.- гуфт раиси Шӯро Илҳомҷон Ҳамидов



ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ОН АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД
МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС
НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ №2 (2) 17 АПРЕЛИ СОЛИ 2013, ЧОРШАНБЕ

**Муассис:**
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

Сармуҳаррир:
**Саъдӣ Маҳдӣ**
saadi_mahdi@mail.ru

**Тарроҳ:**
**Беҳзоди Исомиддин**

**Ҳайати таҳририя:**
Насурдинов Э. С. дотсент, декани факултети ҳуқукшиносӣ;
Қурбонов Қ.Б. муовини декан оид ба илм;
Сафаров Б.А. дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
Камолов И. И. дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;
Сулаймонов Ф. дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ;
Ҷаҳонгир С. ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ .

**Ҳайати мушовара:**
Саидов Н. С. Вазири маорифи ҶТ, профессор;
Давлатов Ҷ. М. мушовири давлатии Президенти ҶТ оид ба сиёсати ҳуқуқӣ;
Имомов М. С. ректори ДМТ, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ;
Тоҳиров Ф. Т. профессор, академики АИ ҶТ,
Маҳмудов М. А. профессор, академики АИ ҶТ, раиси Суди Конститутсионии ҶТ;
Асозода Х. профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форси тоҷикии факултети филологияи тоҷик;
Диноршоев М. профессор, академики АИ ҶТ.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 28-уми феврали соли 2013 ба қайд гирифта шудааст. Нишонии идора: ш.Душанбе, Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. Телефон: 985-38-38-67, 918-56-07- 07. Теъдод: 1000